# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «02» 12 соли 2019 №14603 ш. Душанбе

Дар бораи иҷрои Суруди миллӣ
ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ

Бо мақсади дар руҳияи баланди ватандорӣ, ифтихори миллӣ ва эҳтирому арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ тарбия намудани ҷавонону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Роҳбарони муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илм, директорон ва ректорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ вазифадор карда шаванд:

1.1. Дар оғоз ва анҷоми ҷамъомадҳо, шӯрои олимон, шӯрои омӯзгорӣ, маҷлисҳои тантанавӣ, семинар ва конференсияҳои сатҳи маҳаллӣ, ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ иҷрои Суруди миллиро ба таври зинда ба роҳ монанд;

1.2.Қироати порчаҳои шеъриро дар васфи Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, маҳфилҳои адабӣ ва озмунҳо ташкил намоянд.

2. Сардорони раёсатҳои кадрҳо ва корҳои махсус, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, илм ва инноватсия вазифадор карда шаванд, ки фармоиши мазкурро дастраси тамоми муассисаҳои таълимӣ гардонанд.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир Р.Мирбобоев ва муовини вазир С.Давлатзода гузошта шавад.

Асос: Протоколи маҷлиси назди вазири мариф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2019, №57/1.

Вазир Нуриддин Саид

# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «02» 12 соли 2019 №14604 ш. Душанбе

Дар бораи иҷрои Суруди миллӣ
ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ

Бо мақсади дар руҳияи баланди ватандорӣ, ифтихори миллӣ ва эҳтирому арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ тарбия намудани наврасону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Сардорони раёсати маорифи ВМКБ, раёсатҳои маорифи вилоятҳои Суғду Хатлон, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, мудирон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, гимназияҳо, литсейҳо, мактабҳои президентӣ ва мактаб-интернатҳо вазифадор карда шаванд:

1.1.Дар ҷамъомадҳои пагоҳирӯзӣ, оғози дарсҳо дар бастҳои якум ва дуюми муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, оғоз ва анҷоми маҷлисҳои тантанавӣ, семинар ва конференсияҳои сатҳи маҳаллӣ, ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, маҷлисҳои васеи аҳли маориф, мушовараҳои сарраёсату раёсатҳои маориф, шӯроҳои шуъбаҳои маориф, шӯроҳои омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва маҷлисҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ иҷрои Суруди миллиро ба таври зинда ба роҳ монанд.

1.2.Қироати порчаҳои шеъриро дар васфи Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, маҳфилҳои адабӣ ва озмунҳо ташкил намоянд.

2.Сардорони раёсатҳои кадрҳо ва корҳои махсус ва таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ вазифадор карда шаванд, ки фармоиши мазкурро дастраси тамоми муассисаҳои таълимӣ ва раёсату шуъбаҳои маориф гардонанд.

3.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир Л.Назирӣ гузошта шавад.

Асос: Протоколи маҷлиси назди вазири мариф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2019, №57/1.

Вазир Нуриддин Саид